Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА -012-и
назди назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе кӯчаи Деҳотӣ 1/2)

ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ба диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм**

Диссертатсия ба фаслҳои зерини Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ба зербандҳои: 1.Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияи рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии меҳнат ва ғайраҳо); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоӣ; 3. Муаммоҳои назариявию методологии дар бозори меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; 6. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ); 13. Танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он; 14. Сиёсати иҷтимоӣ, рушди иҷтимоӣ ва бехатарии иҷтимоӣ, мутобиқат менамояд.

**2. Мубраммияти мавзӯи диссертатсия**

Сиёсати давлатии шуғлнокии аҳолӣ як ҷузъи муҳим ва асосии сиёсати иҷтимоии давлат мебошад. Ин сиёсати шуғлнокӣ омехтаи тадбирҳои мустақим ва ғайримустақими давлат аст, ки ба рушд ва тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарди ҳар як аъзои ҷомеа таъсир мерасонад, бо роҳи қонеъ кардани талаботи асосии онҳо ба меҳнат. Ин сиёсати шуғл пеш аз ҳама, ба роҳ андохтани тадбирҳои мушаххас ва амалии равона шудааст, ки ба тақсимоти самараноки қувваи корӣ ва дастгирии шуғли самарабахш равона мебошанд. дар системаи шуғли аҳолӣ шуғли алтернативӣ маҳсули раванди объективии сураътгиррии диверсификатсияи шуғл буда хонаводаҳо ва ё оилаҳо якчанд намудҳои гуногуни корро интихоб мекунанд ва ё пурра ба бахши ғайрикишоварзӣ мегузаранд, ки ба онҳо имкониятҳои бештари даромадро меорад. Гарчанде онҳо метавонанд дар соҳаи кишоварзӣ фаъолияташонро идома диҳанд ва тахассусашонро баланд бардоранд, ин хоҷагиҳо кореро интихоб мекунанд, ки барояшон бештар сердаромад ё умедбахш менамояд. Диверсификатсияи шуғл ба хоҷагиҳо кӯмак мекунад, ки вобастагии худро аз як манбаи даромад кам карда, устувории худро дар шароити тағйирёбии иқтисодӣ баланд бардоранд. Бо рушди муносибатҳои бозорӣ дар бахши аграрӣ, ки беш аз 64%-и қувваи кории кишварро фаро мегирад, шакли нави алтернативии шуғлнокӣ ташаккул ва рушд ёфтааст. Ин шакл аз меҳнати анъанавии кишоварзӣ фарқ дошта, ба дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ рабт дорад. Аммо, масъалаи муаммоҳои илмии шуғли алтернативӣ ва инъикоси он дар сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар адабиёти ватанӣ то ҳол ба таври кофӣ мавриди таҳқиқоти бунёдӣ қарор нагирифтааст. Аз ин лихоз, таҳкикоти гузаронидашуда

оиди тахкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шугли алтернатив дар иктисодиёти дехоти Чумхурии Точикистон бамаврид ва саривактӣ мебошад. Ҷалби аҳолии деҳот ба шуғли алтернативӣ ё ғайрикишоварзӣ бо сатҳи дастрасӣ ба баъзе манбаъҳои ва ё захираҳои табиӣ (масалан, замин ё об), иҷтимоӣ (ба монанди робитаҳо дар ҷомеа, таҳсилот, дастрасӣ ба маълумот) ва молиявӣ (пул ё қарзҳо барои оғози кор) алоқаманд мебошад. Вобаста ба дастрасӣ ба ин манбаъҳо одамон метавонанд ба сохтори иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ворид шаванд, дар ниҳодҳои расмӣ ё ғайрирасмӣ (масалан, дар тиҷорат ё ҳамкорӣ) иштирок намоянд. Маҳз таъсири ин омилҳо рафтори одамонро шакл медиҳанд ва қобилият ва хоҳиши онҳоро барои ёфтани шаклҳои нави шуғлнокӣ, ба ғайр аз меҳнати анъанавии деҳот, муайян мекунанд. Ин муносибат ва падидаҳо вобаста бо рушди васеи шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот муаллифро вазифадор намуд, ки ҷустуҷӯйи роҳҳову механизмҳои иқтисодиву ташкилӣ ва иқтисодии танзиму идораи давлатии онро мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Аз ин лиҳоз мавзӯъи диссертатсияи такризшаванда актуалӣ буда, пешбурди тавдикот дар ин самт сари вақтӣ мебошад, ки дар он халли муаммоҳои дар сохаи мазкур ҷой дошта мавриди омузиш карор гирифтааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии диссертатсия дар коркарди асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методии самти таҳқиқот ва баҳодиҳии навъи алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзии шуғл дар иқтисодиёти деҳот ва таҳияи тавсияҳои консептуаливу амалӣ ҷиҳати таҳкими сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ва танзими он ифода ёфтааст, зоҳир мегардад.

Муҳимтарин навгонии илмии татқиқоти диссертатсионии унвонҷӯйро метавон дар муқароротҳои зерин барассӣ намуд.

– асоснокунии сиёсати давлатии шуғлнокии аҳолӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ, ки моҳияту механизми татбиқи он бояд дар заминаи муқаррароти муаллифии моҳияти шуғл дар низоми иқтисоди бозорӣ ҳамчун раванди иштироки фаъоли аҳолии қобили меҳнат дар намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ сурат гирад;

– исбот кардани шуғли алтернативӣ маҳсули раванди объективии суръатгирии диверсификатсияи шуғл, ки гузариши хонаводаҳо ва ё оилаҳо ба якчанд намудҳои гуногуни кор ва ё пурра ба бахши ғайрикишоварзӣ, ки ба онҳо имкониятҳои бештари даромадро меорад;

-муаяйн намудани заминаҳои пайдоиши шуғли алтернативӣ, ки аз мазмуни низоми устувори воситаҳо барои зиндагӣ бармеоянд ва аниќ намудани масъалаҳои методии арзёбии шуғли алтернативӣ;

– арзёбии тамоюлоти шуғл дар иқтисодиёти деҳоти мамлакат: сатҳи пасти тамоюли диверсификатсияи истеҳсолоту фаъолият ва афзалияти сифати анъанавии он, сарбории зиёди демографӣ, изофаи захираҳои меҳнатӣ ва ғайра, ки сабаби рушди шуғли ғайрикишоварзӣ ва муҳоҷирати меҳнатиро боис гаштааст;

– асоснок намудани роҳҳои мукаммалгардонии механизми дастгирии давлатии ташкили шаклҳои алтернативии шуғлнокӣ дар самти ҳунарҳои мардумӣ (гулдӯзӣ, бофандагӣ ва тӯрбофӣ аз пӯстлохи дарахт, ҷалғӯза ва ғ.), инчунин дар самти агротуризму асалпарварӣ ва коркарди саноатии ашёи хоми маҳаллӣ ва ғ.;

– коркарди асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои коркарди самтҳои стратегии рушди соҳаҳои шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ва зарурати

инъикоси он дар сиёсати давлатии шуғл; зеро иқтисодиёти деҳот ҳамчун низоми мураккаби соҳаҳо ва намудҳои мухталифи фаъолият, маҷмуи иштирокчиёни (агентҳои хоҷагидори гуногун) муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ҷиҳати истифодаи захираҳои манотиқи деҳот ба миён омадааст, рушд кардааст;

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо интихоби усулҳои мақбули таҳқиқот, боэътимодии маълумотҳо, микдори кофии маводи таҳқиқотӣ, ҷамъовариву коркарди маълумоти оморӣ вобаста ба мавзӯъи таҳқиқот, ки муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллифро дар диссертатсия исбот мекунанд, тасдиқ мешавад. Муаллиф дар раванди таҳқиқот ба сифати манбаи иттилоотиву донишӣ ба дастурҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонмуҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, адабиёти бунёдии ҷаҳониву ватанӣ оид ба назария ва амалияи мавзӯъи татқиқот такия намуда, иттилооти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои чопии давргаии иқтисодӣ ва ВАО, маводҳои конференсияҳо, маводҳои таҳлилӣ ва тадкиқотӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» оид ба сиёсати иқтисодиро моҳирона ва эҷодкорона истифода бурдааст. Самтҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои асоснок оварда шудаанд, ки таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию амалиро инъикос мекунанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Дар раванди ҳалии илмии масаълаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти асосҳои консептуалии сиёсати шуғл, коркарди пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи такмили роҳҳо ва методҳои расмкунонии фаъолияти меҳнатӣ ва шуғли алтернативӣ рӯи кор омадааст. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар инкишоф додани назарияи шуғл, аниқтараш шугалтернативӣ, бозори меҳнати аграрӣ, консепсияҳо ва стратегияҳои танзими давлатии шуғл ва даромади аҳолӣ, ғанӣ гардонидани методикаи арзёбии ҷанбаҳои рушди шуғл ва намудҳои алтернативии он дар иқтисодиёти деҳот зооҳир мегардад, ки натиҷаҳои он баланд ба бардоштани сатҳи шуғлнокии маҳсулнок, такрористеҳсоли қувваи корӣ дар иқтисодиёти деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти деҳот ва дар дурнамои стратегӣ равона шудааст.

Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки муқаррароти илмии коркардшударо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои он дар минтақа, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ҳангоми таҳия ва татбиқи амалии барнома ва стратегия мусоидат ба шуғли аҳолӣ, дар амал ҷорӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ истифода бурда метавонанд.

Аҳаммияти иҷтимоии мавзӯи татқиқот дар коркарду тавсияҳои муаллиф доир ба механизми таъмини рушди устувори иқтисодиёти деҳот тавассути таъмини шуғли маҳсулнок, баланд бардоштани даромади меҳнатии аҳолии манотиқи деҳот, ки дар ниҳояти кор ба рушди бахши иҷтимоӣ ва инсон нигаронида шудааст, ифода меёбанд.

**6. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ**

Сохтори диссертатсия, гузориши мақсад ва мантиқии алоқамандии онҳо тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк ва таҳқиқ намуда, ҷиҳати асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методии баҳодиҳии навъи алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзии шуғл дар иқтисодиёти деҳот ва таҳияи тавсияҳои консептуаливу амалӣ ҷиҳати таҳкими сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ҷуръат намудааст.

Кори диссертатсионӣ номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва нуҳ фасл, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқотро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок карда шудааст. Инчунин, дараҷаи коркарди масъала, мақсад, вазифаҳо ва объекти таҳқиқот, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии он баён гардидааст.

Дар боби якум «Асосҳои назариявии тахдици сиёсати давлатии шуғл ва шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деқот» муаллиф муносибатхри консептуалиро доир ба шуғлнокӣ ва сиёсати давлатии шугли ахолӣ, мухтаво ва асосҳои консептуалии шуғли алтернативӣ дар ик;тисодиёти деҳотро ҳамчун макони рушди шуғли алтернативӣ мавриди омӯзиш қарор додааст [саҳ.14-55).

Дар боби мазкур, аз чумла, муаллиф тасдиқ намудааст, ки гуруҳбандии шуғлнокӣ аз рӯи намудҳо ва шаклҳо ба ҳайси инструменти татбиқи сиёсати шуғл хидмат менамояд. Бинобар он мафҳуми намудҳои шуғлнокиро аз рӯи доира ва соҳаҳои хоҷагии халқ тавсифу тасниф намудааст, ки дар он тақсим шудани қисми фаъоли захираҳои меҳнатӣ инъикос меёбад, Илова бар ин, вай асоснок намудааст, ки шаклхои шуғлнокӣ дар худ, бевосита, усулҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва шартҳои истифодаи меҳнатиро таҷассум мекунанд (саҳ,.21-22).

Муаллиф шуғли алтернативиро ҳамчун ҳолати шуғли аҳолии деҳот дар синну соли қобили меҳнат, ки дар шаклҳои ғайрикишоварзии фаъолияти иқтисодӣ (ба истиснои хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва идоракунии давлатию маҳаллӣ) зуҳур мешаванд, муайян намудааст. Ба фикри ӯ чунин шуғлҳо метавонанд доимӣ, муваккатӣ, асосӣ, иловагӣ, расмӣ ва ё ғайрирасмӣ бошанд, ки дар вазъи асосии бозори меҳнати деҳотро муаяйн намуда ба баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии иқтисодиёти деҳот мусоидат менамояд. Шуғли алтернативӣ афзоиши даромадҳои иловагиро барои аҳолии деҳот боис мешавад. Аз нуқтаи назари иқтисодиву иҷтимоӣ баланд бардоштани сатҳи расмии шуғли алтернативӣ, яъне шуғли ғайрикишоварзӣ дар иқтисодиёти деҳот нисбатан муҳим мебошанд, ки дар ҷумҳурӣ ин ҷанбаи масъалаи шуғли деҳот омӯхта нашудааст ва дар сиёсати давлатии шуғл ва иҷтимоӣ мукаммал инъкос наёфтааст (саҳ. 44-45).

Боби дуюми кори диссертатсионӣ, ки **«Таҳлил ва арзёбии ҳолати шуғлнокӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ гардидааст, ба таҳлили сохтори шуғлнокии аҳолии деҳот, сабабҳои иқтисодиву иҷтимоии рушди шуғлнокии алтернативӣ ва арзёбии он дар иқтисодиёти деҳот бахшида шудааст Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар деҳот қисми зиёди даромадҳо на аз кор дар соҳаи кишоварзӣ, балки аз иҷрои корҳои шахсӣ ва соҳибкории хурд ташаккул меёбад, ки он ба як манбаи муҳими даромад табдил ёфтааст. Даромади сифр меҳнатӣ, ки бештар аз 43% ташкил медиҳад, аммо ин даромад барои пӯшонидани ҳамаи хароҷоти оилавӣ кофӣ нест. Аз ин лиҳоз аҳолии деҳот бо корҳои бахши ғайрикишоварзӣ машғуланд. (саҳ. 66-84).

Дар диссертатсия дар параграфи дуюми боби он қайд шудааст, аҳолии деҳот, ки пештар аз дастгирии давлат вобаста буд, бо тағйироти марбут ба гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ омода набуд, бинобар он дар раванди давраи гузариш дар минтақаҳои деҳот як масъалаи асосӣ — сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат ва маош ба вуҷуд омад, ки ба рушди шаклҳои алтернативии шуғл, дар навбати аввал чун шуғли ғайрирасмӣ мусоидат кард. Сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат ва маош омилҳое гардиданд, ки мардум манбаъҳои иловагии даромадро ҷустуҷӯ кунанд, ки ин тавассути фаъолиятҳои ғайрирасмӣ сурат гирифт. Муаллиф таъкид намудааст, ки эҳтиёҷот омили муҳим дар ҷӯиши кори иловагӣ мебошад. Айни њол сабаби истеъмолии муносиби сохтори истеъмолоти аҳолии мамлакат вуҷуд надорад ва истеъмолот хосияти анъанавӣ дорад. Бинобар ин, аҳолии деҳот кӯшиш мекунанд, ки бо мақсади гирифтани даромади иловагӣ ҷиҳати муътадил гардонидани сабади истеъмолии худ дар соҳаи шуғли алтернативӣ ё ғайрирасмӣ машғул шаванд. Аммо ба ақидаи муаллиф фаъолияти меҳнатии ғайрирасмӣ барои кормандон на танҳо боиси давомнокии калони вақти корӣ, балки гум кардани кафолатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ мегардад. (с.91-100)

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини рушди шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот»** муаллиф роҳҳои асосии таҳкими шуглнокии алтернативӣ дар доираи сиёсати рушди деҳот, такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва асосноккунии консепсияи муосири рушди онро дар иқтисодиёти деҳот коркард намуда, нуқтаи назар ва пешниҳодҳои худро овардааст (саҳ.121- 153).

Дар ин боб махсусан саҳми унвонҷуйро дар муайян намудани се самти асосии паст намудани сатҳи камбизоатиро дар деҳот қайд намудан зарур аст, ки ӯ дар таъсиси шуғлнокии алтернативӣ, таъсис додани низоми қарздиҳии хурд ва тақвият бахшии давлатӣ оид ба рушди инфрасохтори муҳандисӣ ва иҷтимоӣ мебинад (саҳ. 119-120].

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки сиёсати давлат метавонад бо ду стратегия асос ёбад: Якум, стратегияи анъанавӣ ва умумӣ - ин аст, ки давлат сиёсати ҷалби васеи коркард ва рушди соҳаҳои гуногунро қабул мекунад, ки дар он намудҳои гуногуни шуғл ва самтҳои фаъолияти иқтисодӣ дастгирӣ ё мекунанд. Ин стратегия барои ташкили ҷойҳои кории устувор ва мустаҳкам дар минтақаҳои деҳот равона мешавад. Дуюм, ин аст, ки давлат мустақиман ба назорат ва самарабахшии соҳаҳо, иқтисодиёт ва шуғли алтернативӣ дар деҳот таваҷҷуҳ мекунад, ҷиҳат ба таъсиси корхонаҳо, ташкилотҳо ва лоиҳаҳои махсус, ки ба шуғлнокӣ ва рушди иҷтимоии деҳоти кишвар мусоидат мекунад. «Ҳар ду стратегия ба муҳайё кардани имкониятҳо барои рушди устувор ва беҳтар кардани шароити зиндагии аъзоёни деҳот кӯмак мекунад, вале барои натиҷаи муфид ва таъсирбахш бояд ин ду стратегия ба таври мутаносиб ва ҳамоҳанг амал кунанд».

Аз ҷумла, муаллиф қайд мекунад, ки стратегияи шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот бояд на танҳо мақсаднок, балки комплексӣ низ бошад. Он бояд ҳамаи хусусиятҳои деҳот, дар навбати аввал таҷдиди сифатии захираҳои меҳнатиро устувор гардонад ва дастгирӣ намояд. Ин барои тағйирёбии асосноки шуглнокии аҳолии деҳот заминаи воқеии таъсис медиҳад ва на танҳо ҷойҳои кории навро инкишоф дода, ҷойҳои кории мавҷударо дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти деҳот нигоҳ медорад, балки дар соҳаҳои гайрикишоварзӣ ҷойҳои кории нави даромади калондоштаро ташкил мекунад (саҳ. 125-132).

Дар хулосаи диссертатсия аз тарафи муаллиф натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ коркард гардида, тавсияҳо барои истифодаи амалии таҳқиқот пешниҳод карда шудааст (саҳ. 175-177).

Муаллиф дар масаълаи нигоҳ доштани ҷавонон дар деҳот ва соҳаи кишоварзӣ зарурати таъмини рушди инфрасохтори иҷтимоии манотиқи деҳотро таъкид намудааст. Барои ин, чунин тадбирҳо пешниҳод мешаванд, аз ҷумла баланд бардоштани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ ва таъмин намудани ҷавонон бо манзил. Дар байни қадамҳои муҳим чунинҳо пешниҳод мешаванд: рушди инфрасохтор, аз ҷумла сохтмони роҳҳо ва беҳтар кардани нақлиёт, то ки ҳаракат дар дохили деҳаҳо ва рафтуомад ба шаҳр осонтар ва зудтар гардад; модернизатсияи кишоварзӣ бо истифодаи технологияҳо, то ин соҳа ҷолибтар ва рақобатпазир гардад; баланд бардоштани сифати таҳсилот дар деҳот, то ки ҷавонон тавонанд дар маҳалли худ маълумоти хуб ба даст оранд ва барои таҳсил ба шаҳрҳо нараванд; созмони марказҳои фарҳангӣ ва варзишӣ дар деҳаҳо, то сокинон имкони истироҳат ва гузаронидани вақтро дошта бошанд. (саҳ. 145-160)

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар параграфи 1.1. - Муносибатҳои консептуалӣ доир ба шуғлнокӣ ва сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ, зарур буд, ки шуғли алтернативӣ ҳамчун объекти алоҳидаи сиёсати шуғл ҷудо карда асоснок карда мешуд.

2. Дар мавриди шарҳи муҳтаво ва асосҳои консептуалии шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот агар решаҳои таърихии шуғли ғайрирасмӣ ва сифати тарзи осиёии истеҳсолот ба назар гирифта мешуд, боз ҳам сифати илмии кор баландтар мешуд.

3. Шарҳу тавсифи иқтисодиёти деҳот ҳамчун макони рушди шуғли алтернативӣ хеле муфассал дода шудааст. Зарур буд, ки ба равиши функсионалии тавсифи иқтисодиёти деҳот тавассути призмаи робитаҳо ё ҳамбастагиҳои мутақобилаи байни ҳудудҳои деҳот, таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода дода мешуд.

4. Дар боби дуюм, масаълаи шуғли алтернативии кадрҳои баландихтисоси иқтисодиёти деҳот аз доираи таҳлили васеъ берун мондааст.

5. Дар боби сеюм, бояд шуғли аҳолии деҳот ва навъи алтернативии дар доираи хусусият ва трансформатсияи индустриалии иқтисодиёти кишоварзӣ ва деҳот мавриди омӯзиш қарор гирифта, пешниҳодот ирсол мешуд..

Фикр мекунам, ки эродҳои дар боло зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи муаллиф, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳое мебошанд, ки ба рӯйхати маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбари тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, ба нашр расонида шудааст.

**8. Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсия ба талаботҳои «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Умуман, бояд қайд кард, ки кори Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад, натиҷаҳои ба даст овардашуда

дорои навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалиро дар худ инъикос мекунанд, ки ба ҳалли муаммоҳои таҳия ва татбиқи сиёсати шуғли аҳолӣ мусоидат менамоянд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода менамоянд.

Дар асоси маълумоти дар боло зикршуда хулоса карда мешавад, ки диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳқими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иктисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, сазовори дастгирӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда: профессори**
**кафедраи молияи ДДТТ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ҷабборов А.**

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2
Телефон: (+992 37) 2348434, +992 907719353
E-mail: dustmatov1981@mail.ru
«02» 02 соли 2026

Имзои профессори кафедраи
молияи ДДТТ, доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Ҷабборов А.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН • ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

07.02.2026.